Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024 ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзӯи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Дар замони муосир бо сабаби ниҳоят тез будани суръати талабот ба захираҳо ва афзудани сатҳи маҳдудияти захираҳо назар ба сатҳи такрористеҳсолкунии онҳо, зарурати истифодаи оқилонаву самараноки онҳо ба миён меояд. Ин муаммо яке аз проблемаҳои асоси илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз автореферати диссертатсияи Акрамова Б. А. дида мешавад, ки дар он масъалаҳои идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар автореферат қайд намудааст, ки зарурати пурзӯр намудани раванди такрористеҳсол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он алоқаманд аст, ки дар пасманзари суръати баланди демографӣ эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маводи озуқа пайваста меафзоянд ва таъсири манфии таконҳои беруна ва пандемияи COVID-19 осебпазирии шабакаҳои берунаи таъминоти озуқаворӣ ва таҳдидҳои пайдошавандаро дар шароити вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти озуқаворechии воридотӣ нишон доданд. Аз ин рӯ, ташаккули механизми нави идоракунии самарабахши раванди такрористеҳсол дар корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли худро ёфтааст, ин коркарди асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ мебошад.

Ҳамин тавр, сатҳи баланди таҳқиқотҳои гузаронидаи муаллифро қайд намуда, дар автореферат баъзе камбуди ва норасоиҳо ба назар мерасанд:

- мавзуъ ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ бахшида шудааст, соҳаи кишоварзӣ маблағи

муайяни пулиро талаб мекунад. Лекин масъалаи сармоягузориҳо дар ин самт кам ба назар мерасанд.

- агар таҳлили муқоисавии идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзии дигар давлатҳое, ки аз ҷиҳати иқлим ба кишвари мо наздикро муаллиф таҳлил менамуд, сафати кори илмӣ боз ҳам баландтар мегардид.

Умуман, автореферати диссертатсияи Акрамова Бибимилика Акбаровна дар мавзӯи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шуда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси пешниҳодгардида мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Сафоев А.К.

Имзои д.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории МД ДБССТ Сафоев А.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел.: +992 (37) 234-88-00; +992 907-73-32-47. Факс: 234-88-02.
E-mail: info@iutet.tj; safoev@list.ru; www.iutet.tj